ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологӣ ва эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», ки барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6Д. КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дифои дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. — Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Қутоспарварӣ яке аз самтҳои муҳими чорводории минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омӯзиши бемориҳои сироятие, ки метавонанд ба афзоиши саршумор ва самаранокии истеҳсолии соҳа таъсир расонанд, аҳамияти хос дорад.

Муаллиф масъалаи брутселлёзро на танҳо ҳамчун бемории алоҳида, балки дар робита бо шароити нигоҳдорӣ, ҳаракати подаҳо, наслгирӣ, бачапартоӣ, вазъи чарогоҳ ва ташкили хизмати байторӣ таҳлил намудааст.

Тадқиқоти зиёда аз се ҳазор сар қутос ва муайян шудани сатҳи баланди натиҷаҳои серологӣ нишон медиҳад, ки назорати ин беморӣ бояд қисми доимии системаи идоракунии саломатии подаҳо бошад.

Махсусан, тавсияҳо оид ба ташхиси мунтазам, карантини ҳайвоноти воридшаванда, назорати наслгирӣ, безараргардонии ҷойҳои нигоҳдорӣ ва эмгузаронии ҷавонаҳо арзиши амалӣ доранд.

Муаллиф инчунин синну соли мувофиқ барои эмгузаронӣ ва эмгузаронии такрориро баррасӣ кардааст. Натиҷаҳои муқоисаи S-19 ва 82 бартарии нисбии S-19-ро аз рӯйи устувории ҷавоби гуморалӣ нишон медиҳанд.

Эроди мо ба он аст, ки дар тавсияҳои амалӣ масъалаи назорати ҳаракати ҳайвонот байни чарогоҳҳои мавсимӣ ва нуқтаҳои аҳолинишин метавонад боз ҳам муфассалтар ифода шавад.

Дар маҷмуъ, кор барои рушди қутоспарварии солим ва устувор аҳамияти амалӣ дорад.

Хулоса: автореферат дорои натиҷаҳои арзишманд барои соҳаи байторӣ ва қутоспарварӣ буда, ба талаботи корҳои илмии тахассуси дахлдор ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти муҳимияти мавзуъ, ҳаҷм ва сифати маводи таҳқиқотӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои муосири ташхисӣ, сатҳи навгонии

илмӣ, саҳми шахсии муаллиф, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, интишори маводи диссертатсия ва татбиқи натиҷаҳои он, чунин мешуморам, ки автореферати диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», пурра ба бандҳои 3.7 ва 3.8-и Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мутобиқат мекунад.

Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 76–79, 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯй мебошад.

Бо дарназардошти мубраммияти мавзуъ, сатҳи баланди иҷрои тадқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин асоснокии хулосаҳо, диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Тақриздиҳанда
Вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Муовини раиси Кумита оид ба масъалаҳои
аграрӣ, захираҳои об ва замин, н.и.к. Ф. М. Икромӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
E-mail: fazlidin.ikromov@mail.ru

Имзои Икромӣ Фазлиддин Маҳмазоитро
тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
махсуси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф. С.

18.09 соли 2026